“Тасдиқ менамоям”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”
доктори илмҳои таърих, профессор
__________________Усмонзода Аюб Ислом
“ 30 ” январи соли 2023

ХУЛОСАИ
кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”

ба рисолаи номзадии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Рисолаи мазкур дар кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба итмом расонида шудааст.

Дар давраи коркарди рисолаи илмӣ ва таҳияи он Ҳайдарова М.М. ба ҳайси муаллими кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” кору фаъолият бурдааст.

Ҳайдарова М.М. соли 2006 факултети фанҳои табии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи ихтисоси “Биология” хатм намудааст.

Дар баробари коркард ва таҳияи рисолаи номзадиааш Ҳайдарова М.М. ба ҳайси унвонҷӯи кафедра фаъолият бурда, имтиҳоноти номзадии худро супорида, соли 2023 шаҳодатнома, дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро аз тарафи Раёсати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соҳиб гаштааст.

Тибқи қарори Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, ба ҳайси роҳбари илмӣ,

доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода таъин гардидааст.

Вобаста ба натиҷаи муҳокимаи пешакӣ чунин хулосабарорӣ карда шуд:

Мубрамияти рисолаи илмӣ дар он асос ёфтааст, ки дар ҳақиқат асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад. Мӯҳтавои ин методология дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъкид ёфтааст.

Муҳтавои тарбияи ватанпарастӣ ҳамчун унсури таркибии тарбияи миллӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, аҳамияти татбиқи он дар ташаккули тафаккури ватанпарастии шаҳрвандон, садоқат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтиром ба муқаддасот, рамз ва ёдгориҳои табииву таърихии кишвар, тайёр будан барои адои қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсиониро инъикос менамояд.

Дар Консепсияи мазкур таъкид меравад, ки ҷамъият ҳамон вақт қодир аст вазифаҳои фарохи миллиро ҳаллу фасл намояд, агар системаи умумии арзишҳои ба эҳтироми гузаштагон, маданияту фарҳанг, саҳифаҳои таърих, табиати кишвар нигаронидашуда бартарӣ дошта бошад. Консепсияи миллии тарбия дар қатори вазифаҳои асосии системаи таҳсилот тарбияи ватандӯстону ватанпарварони кишвар, шаҳрвандони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, ки

ҳуқуқу озодиҳои шахсро пеш мегузорад, муайян менамояд. Дар воқеъ қатори мушкилотҳои мухталифи таҳсилот ба масоили раҳнамунсозии хонандагону донишҷӯён ба ватандӯстиву ватандорӣ, ҳамчун арзиши миллӣ диққати кофӣ равона карда намешавад, гарчанде ҷавонон бештар ба инкишофи эҳсосоту арзиш, маънавию ахлоқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ниёз доранд ва мароқ зоҳир менамоянд. Маҳз дар давраи ҷавонӣ арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ташаккул меёбад, муносибатҳои баҳодиҳанда ба ҳодисаҳои мухталифи воқеият шакл мегиранд, дарки чуқур ва амиқи масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ – сиёсӣ ба назар мерасад.

Мубрамии таъсири байниҳамдигарии ташкили раванди таълим ва экспедитсияву таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ҳамчун механизми иҷтимоӣ, маърифативу фарҳангӣ бо мақсади ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст ва дар он муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда мешаванд, ки бояд дар кору фаъолияти худ табиат ва боигариҳои миллиро ба инобат гирифта бошанд.

Шиносоии наздик бо ландшафти иҳотакарда, омӯзиши қонунҳои ҳаракат, сабабу натиҷаҳои алоқаи табиат дар хонандагон шавқу ҳавасро нисбати корҳои саҳроӣ - тадқиқотӣ зиёд мегардонад.

Омӯзиши табиат – ин яке аз роҳҳои дар донишҷӯён тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ахлоқи эстетикии онҳо мебошад. Зеро он ба дидан, баҳо додан ба зебоии табиати худ ва ҳис намудани он ёрӣ медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Ҳайдарова М.М. яке аз қисматҳои муҳими дурнамои нақшаи тадқиқотии кафедраи педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" махсуб ёфта, он дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва муҳтавои рисолаи номзадӣ ба шиносномаи ихтисос 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои

педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Бояд гуфт, ки дар ҳақиқат мавзӯи интихоб намудаи Ҳайдарова М.М. мубрам арзёбӣ шуда, рисолаи прумуҳтавое дар мавриди пажӯҳиши педагогикаи муосир, дар мисоли ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ маҳсуб мегардад.

Аз мутоилааи рисолаи муайян гардид, ки он аз муқаддима, 3 боб, нуҳ зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳоии таҳқиқот, соҳаҳои таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия коркарду татбиқи натиҷаҳои кор мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якуми рисола, ба омӯзиши "Арзишҳои ватандӯстӣ, ҷанбаъҳои назариявии масъалаи ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан" масъалаи арзишҳои ватандӯстӣ ҳамчун падидаи илмӣ – педагогӣ ва роҳҳои афзалиятноки тарбияи донишҷӯён дар ин самт, омилҳои ташаккули майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ, нақши табиат ва бонгариҳои моддию маънавии миллӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён баррасӣ гардида, хусусиятҳои ҷавонони муосир дар самти шавқу завқ, ҳавасмандкунонӣ, иҷтимоӣ, эмотсионалӣ, иродавӣ, маърифатӣ ва шахсӣ тарҳрезӣ шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи арзишҳои ватандӯстӣ аз тағйирёбии мароқзоҳиркуниҳои идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, тавсифи таърихии ҳокимияти давлатӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, дарки мақсади олии инсон вобаста буданд, вале дар ҳама давраҳои таърихӣ дар худ ғояҳои ахлоқӣ ва ҳифзи сарзамини аҷдодӣ, табиати атрофро таҷассум менамуданд.

Дар боби мазкур дар асоси таҳлилҳои назариявии гузаронидашуда хатарҳои шахсияти ҷавонони муосир муайян карда шуданд, ки инҳо:

скептисизм, экосентризм, нигилизм, пастравии қобилияти таҳлил, мушкилӣ дар созмон додани занҷири мантиқии дурудароз, заифгардии ҳисси ҳамдардӣ, сатҳи пешрафт, сифати дониш, иродаи қавӣ надоштан, тез зери таъсири дигарон қарор гирифтан, парешонӣ, диққатнопазирӣ, ба нишондиҳандаҳои зоҳирӣ аҳамият додан ва диг. мебошанд.

Ба андешаи муаллифи рисола, бартараф намудани ин хатарҳо дар раванди ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ, ки ба синну соли донишҷӯён мутобиқ гардонида шудааст, имконпазир аст.

Бо ҳамин мақсад, дар рисола ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар ду ҷанбаъ: ҳамчун раванд – ин ташаккули муносибати устуворона ба табиати кишвар, таърих, фарҳанг, анъана, халқ, шахсиятҳои варзида, ғояҳои миллӣ ва ҳамчун натиҷа - ин дорои донишҳои фарох оид ба Ватан (ҷойи таваллуд, хусусиятҳои табиати кишвар, мавқеи географӣ, муқаддасот, анъана, таърих, фарҳанг, халқ, оила, давлат, ватандӯстӣ, қарз, шараф) дида баромада шудааст.

Дар боби дуюм **“Таҷрибаомӯзии таълимӣ ҳамчун воситаи самараноки ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан”** - таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ аз дидгоҳи педагогӣ ҳамчун воситаи самараноки ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш дида баромада шудааст. Таҷриба бо маънои томаш ин таҷрибаи ҷамъовардашуда, маҷмӯи усулҳо ва малака дар ин ё он соҳаи фаъолият мебошад. Воҳидҳои сохтории таҷриба фаъолияти мақсаднок, воситаи таҷриба, объекти фаъолияти амалӣ маҳсуб меёбанд.

Таҷрибаомӯзиҳо ба табиат барои татбиқи амалии донишҳои назариявӣ нақши муассир дошта, имкон медиҳанд, ки мавҷудот ва ҳодисаҳои табиӣ аз наздик омӯхта шаванд.

Дар педагогика истифодаи таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ - саҳрой ва комплексӣ баҳри васеъ намудани ҷаҳонбинии шахсият, ташаккули муносибати муҳассилин нисбат ба арзишҳои табиӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ

гузашта ва имрӯзи табиати кишварро кушода медиҳанд, арзишҳои табиӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, чун Замин – хонаи мо, олами атроф, фаъолияти инсон (антропогенӣ), муносибати шахсият ба табиат ва меъёрҳои он, Ватани маҳбуб қабул ва тасдиқ менамоянд.

Таҳлили назариявии мундариҷа, шакл ва хатсайрҳои интихобшуда ба рисоланавис имкон дод, ки бо мақсади муайян намудани хусусияти маърифатӣ доштани фаъолияти донишҷӯён барномаи кории намунавии худро коркард кунад ва собит намояд, ки иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ воситаи самараноки ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён аз ҳисоби мубрамгардонии захира ва имкониятҳои он маҳсуб меёбад.

Дар заминаи таҳлили нуктаи назари мутахассисони соҳа дар рисола имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ, ки бартарии ташаккули майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш муайян менамоянд, ошкор гардиданд.

Ба андешаи муаллифи рисола табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дорост.

Дар ин боб ба таври умумӣ мундариҷаи таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ва дар асоси фаъолияти маърифатии муҳассилин таҷрибаомӯзиҳои табиӣ, иқтисодӣ ва комплексӣ баррасӣ гардидаанд.

**Дар боби сеюм «Фаъолияти озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ»** тавассути методҳои гуногун корҳои озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ баррасӣ гардиданд, таҷрибаи татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ анҷом ёфта, динамикаи ташаккулёбии

арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ муайян гардидааст.

Дар **Хулоса** натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардиданд:

Мубрамии масъалаи таҳқиқотиро дарк ва ҷустуҷӯи мундариҷаи нави арзиши Ватан дар шароити пуртаҳоди ҷамъиятӣ, зарурати саҳми босамари низоми маориф дар ҳалли вазифаи умумӣ – дар донишҷӯён ташаккул додани тасаввуроти арзишнок дар бораи Ватан, рушди ғояҳои ахлоқии онҳо доир ба қарзи шаҳрвандӣ, шаъну шараф, ҳифзи табиат, марзу бум, ҳамватанон ва оилаи худ вобаста аст, тақозо менамояд.

Исбот карда шудааст, ки потенсиали педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳрой ва комплексӣ воситаи муҳими ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ тавассути якдигарро пур кардани захираҳо ва имкониятҳои мувофиқи маърифатӣ.

Ҳамзамон, исбот карда шудааст, ки шартҳои педагогии зимни таҳлили назариявӣ ва ҷараёни корҳои озмоишӣ муайян гардида, ҳамчун омили батанзимдаророндаи майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш мусоидат менамоянд.

Дар умум, муаллифи рисола ба хулосае расидааст, ки натиҷаи корҳои озмоишии дар диссертатсия зикршуда асоси хулосаи мазкурро ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда самаранокии асоснокунӣ ва татбиқи шарти педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ исбот менамоянд ва ин имкон медиҳад, ки натиҷабахшии самараноки раванди таҳқиқшаванда пешгӯӣ карда шавад.

Рисолаи илмии бaанҷом расонида дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузоштащуда бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя

намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш ба таври фаровон истифода бурдааст.

Таъкид кардан бо маврид аст, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, таҳқиқотчӣ барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ иқтибосҳо овардааст.

Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзӯи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала, унвонҷӯй дар рисолаи хеш понздаҳ ҷадвалу нақшаҳоро ҷой додааст.

Дар маҷмӯъ мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири, 3 адад дастури методӣ ва 18 адад мақолаҳои илмӣ буда, 5 мақола дар нашрияи тақризии КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра инъикос мекунанд.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи номбурда ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд.

Қарор карда шуд:

1. Хулосаи пешниҳод намудаи номзади илмҳои педагогӣ Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич оид ба рисолаи илмии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ба инобат гирифта шавад;

2. Рисолаи илмии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ" аз нигоҳи мазмун ва мӯҳтаво муҳим арзёбӣ гардида, рисолаи ба анҷомрасида ҳисобида шавад;

3. Рисолаи илмии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна таҳти унвони "Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандўстии донишҷўён дар раванди таҷрибаомўзии таълимӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рўи ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз тарафи мудири кафедра номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Ш.И. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шудааст, дар ҷаласа 27 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо "тарафдор" 27 нафар, "муқобил" 0 нафар, суратҷаласаи № 5 аз 26 -уми декабри соли 2022

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б.Ғафуров", номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Кучибоев Шўҳратҷон Икромбоевич

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
умумӣ: Мавлонова Раҳима Мустафоевна

Маълумот барои тамос
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
кўчаи Мавлонбеков 1. тел. (+992) 92-823-33-78.
почтаи электоронӣ: kuchiboev1975@mail.ru

Имзои дотсент Ш.И. Кучибоев ва котиби ҷаласа Р.М. Мавлонова - ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ - и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров" Наврўзов Э.М.